**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.**
_______________________
«12» декабри 2023.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзӯи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст**

### I. Мубрамият ва аҳамияти мавзӯи иитихобшуда

Таъмини шароити зиндагии шоиста ҳадафи марказии сиёсати давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Низоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон водор месозад, ки роҳҳои оқилона истифодабарии хароҷоти иҷтимоӣ, азнавсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ - ҳамчун ҷузъи муҳими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шавад. Дар ин замина зарурати сарфакорӣ, истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ тавассути таҳия ва татбиқи механизмҳои муассири идоракунии давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба миён омадааст.

Дар шароити муосир низоми расонидани хадамоти маишӣ як қатор мушкилоти мубрам дошта, татбиқи самарабахши сиёсати иҷтимоӣ ва пойдор гардидани адолати иҷтимоӣ метавонад дар ҳалли онҳо мусоидат кунад. Шароити нави рушд модернизатсияи низоми дохилии хизматрасонии иҷтимоиро талаб мекунад, ки фаъолияти самараноки он бояд тавассути механизмҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки идоракунии давлатӣ таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, асосноккунии назариявӣ ва методологии идоракунии давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Бо такя ба гуфтаҳои боло ҳаминро қайд менамоем, ки мавзӯи кори диссертатсионии Шарифова Д.М. мубрам буда, дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

### II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Мавзӯи кори диссертатсионӣ ба бандҳои 2. Тамоюли муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими

давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 29. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 40. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишии Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Кори диссертатсионии анҷомдодаи Шарифова Д.М. ба асосноккунии назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосии ҳалли проблемаи илмӣ пешниҳод карда шудааст. Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми таҳқиқот аз усулҳои асосии таҳқиқотӣ илмӣ ва сарчашмаҳои назариявию амалӣ васеъ истифода карда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи илмии муайяншударо ҳал кардааст. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии ба дастомада нишон медиҳанд, ки муаллиф тавонистааст дар кори диссертатсионӣ самтҳои асосии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолиро илман асоснок намояд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, муҳтавои кор дар 228 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 30 ҷадвал ва 10 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 211 номгӯй сарчашмаҳоро дар бар мегирад.

Дар муқаддима, мубрамияти мавзуи кори диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия - **“Асосҳои назариявию методии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити бозор”**, соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори низоми иқтисодиёти миллӣ, моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва хусусиятҳою масоили низомии танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф масъалаҳои мубрами назариявии проблемаи илмиро таҳқиқ намуда, мавқеи муаллифии хешро оид ба назарияи хизматрасониҳои маишӣ ва

танзими давлатии он пешниҳод намудааст. Дар ин боб муаллиф соҳаҳои асосии хизматрасониҳоро ҷудо намуда (саҳ. 22.), дар асоси баррасии таҳқиқоти анҷомшуда намудҳои асосии хизматрасониҳоро тасниф намудааст (саҳ. 24). Дар ин бахш ҳамчунин сегментатсияи хизматрасониҳо амалӣ карда шуда (саҳ. 25), бо овардани омори соҳавӣ мубрамияти мавзуъ исбот карда шудааст.

Дар баробари ин муаллиф фарқияти байни мол ва хизматрасониро (саҳ. 34) шарҳ дода, функсияҳои асосии соҳаи хизматрасониҳои маиширо ба аҳолӣ гурӯҳбандӣ намудааст (саҳ. 44). Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои назариявӣ ва методологӣ хусусиятҳои асосии низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маиширо таҳқиқ намуда, низоми танзими давлатии хизматрасониҳои иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст (саҳ. 54).

Дар боби дуюми диссертатсия – **“Вазъи имрӯза ва рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ дар вилояти Хатлон”**, арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон, инчцнин таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он таҳқиқ шудааст.

Дар ин боб вазъи муосири рушди соҳаҳои хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар арзёбӣ гардидааст. Дар баробари таҳлили вазъи макроиқтисодӣ муаллиф ба ҳолати муосири хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилояти Хатлон таваҷҷуҳ зоҳир намуда (саҳ. 80), параметрҳои омории вазъи соҳаро таҳлил ва қонуниятҳои рушди онҳоро муайян кардааст (саҳ. 82-89). Дар параграфи 2.2. муаллиф сохтори идоракунии давлатии бозори хизматрасониҳои иҷтимоиро таҳия намуда (саҳ. 90), тадбирҳои тақвияти соҳа пешниҳод карда шудааст (саҳ. 98-100).

Дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ муаллиф хусусиятҳои рушди фаъолияти ҳунармандӣ ва хизматрасониҳои маиширо дар давлатҳои ҷаҳон таҳлил карда (саҳ. 105-107), барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳои асоснокро коркард кардааст.

Дар боби сеюми диссертатсия – “Самтҳои асосии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ” консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ, дастгирии давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, инчунин самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Дар ин боб асосҳои назариявии таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ баррасӣ гардида, дар ин замина марҳилаҳои татбиқи он муайян карда шудаанд (саҳ. 119). Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти анҷомшуда амсилаи хизматрасониҳои маиширо таҳия намудааст, ки дар асоси истифодаи

механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 138). Дар ин боб ҳамчунин самтҳои асосии такмили низоми дастгирии давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва дурнамои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон асоснок карда шудааст (саҳ. 145-185).

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо оварда шудааст.

Таҳлили кори диссертатсионии Шарифова Д.М. нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои мубрами такмили низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, асос меёбанд.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар самаранокии истифодаи сиёсати минтақавии давлатӣ ва амалигардонии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти баррасии хусусиятҳою истифодаи он дар ин соҳа ҳамчун унсури асосии таъсиррасони рушди устувори минтақа ва дар ин замина дарёфти роҳҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисодии он асос меёбад. Натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада чунин пешниҳод шудаанд:

- асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ, бо назардошти афзудани нақши он дар таъмини рушди иқтисодии низоми иқтисодиёти бозорӣ асоснок карда шуда, ҳамчунин равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонии мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуданд;

- моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ омӯхта шуда, нақши он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ бо назардошти зарурият ва пешниҳоди ин хизматрасониҳо ва ҷавобгӯ будани онҳо ба талабот дар раванди рушди соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ муайян карда шудааст;

- аз тарафи муаллиф хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ омӯхта муайян карда шуда роҳҳои мухталифи амалисозии онҳо ва дар асоси таҳқиқ такмили низоми хизматрасонӣ ба аҳолӣ бо назардошти рушди бозори хизматрасонии маишӣ ва идоракунии он дар шароити муосири рушди инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст;

- дар асоси арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон, гузаронидани назарсанҷишҳо ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон баҳо дода шуда норасоиҳои ҷойдошта ва амсилаи фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия карда шуда, пешниҳодҳо оид ба истифодаи таҷрибаи мазкур ҳангоми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ирсол карда шудааст;

- таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ пешниҳод карда шуда, механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти баинобатгирии хусусиятҳо, нақши механизми шарикию давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳангоми расонидани хизматҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, созмон додани комплекси ягонаи хизматрасонии маишии дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ ва идоракунии он такмил дода шудааст;

- самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ, истифодаи Веб-хизматҳо дар асоси технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то соли 2030 асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки истифодаи амалии тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ такмил дода шуда, сифати хизматрасонӣ баланд ва доираи фарогирии он васеъ карда шавад.

## V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифова Дилором Мустафоқуловна ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами такмили низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосии такмили низоми мавҷудбуда пешниҳод карда шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2018-2023 дар бар мегирад.

Аз рӯйи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 кори илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

## IV. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ

Дар кори диссертатсионӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе камбудӣ ва норасогиҳо ба чашм мерасанд, ки инҳо мебошанд:

- муаллиф соҳаҳои хизматрасониро тасниф намуда, зимни он бояд хизматрасониҳои маиширо гурӯҳбандӣ ва тасияҳои

асоснокнамудаи худро вобаста ба намудҳои алоҳидаи он пешниҳод месохт;

- дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои методологии танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардида, доир ба ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ташкили иқтисодии он мавқеи муаллиф муайян нест;

- зимни таҳлили вазъи соҳа муаллиф бештар ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, зимнан мувофиқи вазифаҳои муайяншуда бояд бештар хизматрасониҳои маишӣ ва механизми танзими давлатии онҳо, арзёбии низоми мавҷудаи танзими давлатӣ ва мушкилоти асосии он таҳлил ва асоснок карда мешуд;

- муаллиф дар кори диссертатсионӣ оид ба такмили низоми танзими давлатии хизматарсониҳои маишӣ бештар аз нигоҳи маъмурӣ таваҷҷуҳ намуда, ба андешаи мо бояд дар хусуси механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва маблағгузорӣ ба инфрасохтори хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавсияҳо илман асоснок пешниҳод мекард;

- пешниҳоди муаллиф оид ба истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ қобили таваҷҷуҳ буда, вале дар ин маврид бояд муаллиф асоснок месохт, ки кадом модели механизми мазкур дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ мувофиқ мебошад;

- дар кори диссертатсионӣ дар хусуси баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва такмили низоми танзими давлатии он як қатор пешниҳодҳо оварда шудаанду сарчашмаҳои маблаггузорӣ ва таъминоти кадрии он номуайян боқӣ мондааст.

Эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

### V. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кори диссертатсионии Шарифова Д.М. кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили низоми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ саҳми калон доранд.

Хулоса, кори диссертатсионии Шарифова Д.М. дар мавзӯи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти

соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01- Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Шарифова Дилором Мустафоқуловна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 9 нафар; зид –нест; бетараф – нест (Протокли № 5 аз 07.12.2023.).

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ н.и.и., дотсент** **Нуриддинов С.З.**

**Лоиҳаи тақризро омода намуд: н.и.и., дотсент** **Нурализода А.Н.**

**Котиби ҷаласа муаллими калон** **Нуруллоева М.М.**

*Имзоҳои С.З. Нуриддинов, А.Н. Нурализода ва М.М. Нуруллоеваро тасдиқ менамоям.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

*Сардори ШККМ ДДМИТ* *Шарипов У.А.*

*Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*
*Тел.: 231-08-43*
*E-mail: info@ddmit.tj*